*УДК 36.1/5*
*ББК 65.261.41*

# БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОР ВА ТАМОЮЛИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ ҶАМЪОВАРИИ АНДОЗ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

***Маъмуров Анварҷон Маҳмудҷонович,*** *н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии ДДҲБСТ,* ***Исматов Хушрӯз Ҳасанович,*** *муаллими калони кафедраи молия ва қарзи ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ОЦЕНКА ПОТЕНЦИАЛА И ТЕНДЕНЦИЙ ОСНОВНЫХ ПОКАЗАТЕЛЕЙ СОБИРАЕМОСТИ НАЛОГОВ В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

***Маъмуров Анваржон Махмуджонович,*** *канд.экон.наук, доцент кафедры налогов и налогообложения ТГУПБП,* ***Исматов Хушруз Хасанович,*** *старший преподаватель кафедры финансов и кредита ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# ASSESSMENT OF POTENTIAL AND TRENDS OF KEY INDICATORS OF TAX COLLECTION IN SUGHD VILOYAT

***Mamurov Anvarjon Makhmudjonovich,*** *candidate of economical sciences, Associate Professor of the department of Taxes and taxation under the TSULBP,* ***Ismatov Khushruz Hasanovich****, senior lecturer of the department of finances and credit under the TSUPBP (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:****khushruz_1987@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ****:минтақа, мақомоти андоз, ҷамъоварии андоз, иқтидори андоз, маъмурикунонии андоз, механизми андоз, воридоти андоз, самаранокии фаъолият*

*Ҷанбаҳои назариявию методии ҷамъоварии андоз чун ҷузъи муҳими маъмурикунонии андоз таҳқиқ гардидааст. Тамоюли нишондиҳандаҳои воқеии ҷамъоварии андоз, инчунин дигар нишондиҳандаҳои иқтисодии минтақа арзёбӣ гардида, суръати тағйирёбии онҳо дар солҳои охир муайян ва шарҳ дода шудаанд. Афзоиши ҷамъоварии андоз ба буҷети минтақа таҳлил гардида, вазни қиёсии воридоти андозӣ дар қисми даромади умумии буҷети минтақа муайян карда шудааст. Иқтидори андозии минтақа бо роҳи арзёбии тамоюли тағйирёбии шумораи умумии андозсупорандагон ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ муайян карда мешавад. Дар заминаи таҳқиқ нишондиҳандаҳои арзёбии сифатии фаъолияти мақомоти андоз ва самтҳои беҳтар намудани самаранокии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ошкор карда шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *регион, налоговые органы, собираемость налогов, налоговый потенциал, налоговое администрирование, налоговый механизм, налоговые поступления, эффективность деятельности*

*Исследованы теоретические и методологические аспекты собираемости налогов как важного элемента налогового администрирования. Были оценены тенденции в реальных показателях сбора налогов, а также в других экономических показателях региона и определены и объяснены темпы их изменения в последние годы. Проанализирован рост собираемости налогов в бюджет региона и определен удельный вес налоговых поступлений в общей части бюджета. Налоговый потенциал региона определяется путем оценки тенденции изменения общего количества налогоплательщиков и видов предпринимательской деятельности. На основе исследования выявлены показатели*

*качественной оценки деятельности налоговых органов и направления улучшения эффективности обслуживания налогоплательщиков.*

***Key-words:*** *region, tax bodies, tax collectability, tax potential, tax administering, tax mechanism, tax revenues, effectiveness of tax authorities` activities*

*In the article the theoretical and methodological aspects of tax collectability as an important element of tax administering are investigated by the authors. The tendencies of real indicators of tax collection, as well as other economic indicators of the region are estimated and the rates of their changes in recent years are determined and explained. The article analyzes the growth of tax collectability in the budget of the region and determines the specific weight of tax revenues in the total part of the budget revenues of the region. The tax potential of the region is determined by estimating the trend of the total number of taxpayers and types of entrepreneurial activity. On the basis of the research the indicators of qualitative assessment of tax authorities' activity and directions of improvement of efficiency of taxpayers' service are elicited.*

***I. Муқаддимаи таҳқиқ.*** Ҷамъоварии андоз дар шароити муосир унсури фаъоли маъмурикунонии андоз маҳсуб ёфта, ба назар нагирифтани омилҳои мустақиман таъсиррасон ба ин категорияи иқтисодӣ (гаронии андоз, пешпардохт ва қарздории андозҳо, имтиёзҳои андоз, иқтидори андозии минтақа, ғайримақсаднок истифода шудани ниҳоди соҳа ва ғайраҳо) дар фаъолияти мақомоти андози минтақаҳои кишвар нуқсонҳо эҷод менамояд. Ҳалли ин нуқсонҳои ҷузъӣ тақозо менамояд, ки сатҳу сифати ҷамъоварии андоз бештар таҳқиқ гардад ва барои фаъолияти минбаъдаи мақомоти андоз тавсияҳои илман асоснок пешниҳод гарданд. Аз ин нигоҳ дар оғози таҳқиқ моро зарур аст, ки омилҳои таъсиррасон ба ҷамъоварии андоз ва то як андоза дараҷаи таҳқиқи ин падидаи иқтисодиро мавриди омӯзиш қарор диҳем. Тавре баён кардем, дар шароити муосир ҷамъоварии андоз яке аз унсурҳои муҳимми маъмурикунонии андоз дар раванди амалигардонии сиёсати андоз дар сатҳи минтақаҳо ва ё дар маҷмӯъ иқтисодиёти кишвар маҳсуб меёбад. Ба маъмурикунонии андози минтақа як қатор омилҳо таъсир мерасонанд, ки аз низоми андоз ва сатҳу сифати ташаккули механизми он вобастаанд. Омилҳои муҳимми таъсиррасонро ба маъмурикунии андоз ва хосатан механизми ҷамъоварии он ба дохилию берунӣ тасниф намудан мутобиқи матлаб аст.

Омилҳои дохилии таъсиррасон ба ҷамъоварии андоз аз ташаккулёбии менеҷменти андози давлатӣ ва корпоративӣ (банақшагирӣ ва ояндабинии андоз, танзими андоз ва назорати андоз), асосҳои ҳуқуқию институтсионалии сиёсати андоз, фаъолияти ниҳодҳои давлатии андоз, вазъи молиявии корхонаҳо, сатҳи коррупсия, буҳронҳо, сатҳи иқтисодиёти пинҳонӣ ва ғайра вобаста мебошанд, ки дар асарҳои олимони зиёди иқтисодшинос хосатан Кейнс Ҷ. М., Лаффер А., Самуэльсон П., Стейн Г., Фридман М., Хикс Ҷ., Юткина Т.Ф. Азизов Ф.Ҳ., Иброхимов И.Р., Исмаилова М.М., Мамадов С.В., Мирпочоев Д.А., Обидов Ф.С., Орипов А.О., Рахматов Б.Б., Ризокулов Т.Р., Сабуров В.Д., Салимова М.М., Султонов З.С., Тӯхтаев Т.М., Умаров Х.У. ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Баъзе омилҳои таъсиррасон ба сатҳу сифати ҷамъоварии андоз дар минтақа ва ҷанбаҳои инноватсионии он дар тадқиқоти Шеина А.Ю. [10], Жукова Н. А. [3] баррасӣ шудаанд. Лозим ба қайд аст, ки омилҳои беруна аз сиёсати иқтисодӣ (хосатан сиёсати андозӣ)-и давлатҳои ҳамкор, фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ ва ғайра вобаста мебошанд. Дар ин самт

таҳқиқоти Солеҳзода А.М. заминаи асосӣ баҳри пешгирии интиқоли манбаи андозбандии андоз аз фоида [8, с.78] дар фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ муҳимтарин чора дар доираи маъмурикунонии андоз дар ояндаи наздик маҳсуб меёбад.

Гурӯҳи олимони дигари иқтисодшиноси тоҷик Ҷабборов Р.Т. [2, с.38], Шогунбеков М.В. [11, с.45] дар таҳқиқоти худ имтиёзҳои андозии пешниҳодшударо дар низоми андоз омили муҳими таъсиррасон ба иҷрои воридоти андоз меҳисобанд. Бояд гуфт, ки бо назардошти кулли таҳқиқоти ҷойдошта дар самти ҷамъоварии андоз вазъи ташаккулёбии муносибатҳои андоз дар ҳар як давлат ва минтақаҳои он тақозо менамояд, ки механизми самарабахш ва комилан мутобиқи ҷамъоварии андоз тадриҷан амалӣ карда шавад.

Ба назари мо омилҳои таъсиррасонро дар раванди маъмурикунонии андоз ба омилҳои ҳавасмандкунанда ва боздоранда тасниф намудан дуруст мебошад. Аз ин нигоҳ омилҳои ҳавсмандкунанда (сиёсати андози илман асоснокшуда, механизми такомулёфтаи андоз, фарҳанги андозсупорӣ ва ғайра) ба сатҳу сифати маъмурикунонии андоз дар минтақа мусоидат намуда, омилҳои боздоранда таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар шароити муосир ба маъмурикунонии андоз дар минтақа ташаккулёбии механизми андоз низ таъсир мерасонад, зеро дар раванди банақшагирию ояндабинӣ, танзим ва назорати андоз нуқсонҳое ба вуҷуд меоянд, ки натиҷаи онҳо дар ҷамъоварии андоз зоҳир мегардад. Бо назардошти он, ки даромади андоз манбаи асосии буҷети давлат мебошад, банақшагирии оқилонаи воридоти онро метавон асоси идоракунии самарабахши давлатӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳисобид.

Такомули низоми андоз, ки асоси пойгоҳи институтсионалии он қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба ҳисоб меравад, яке аз роҳҳои ҳалли муаммоҳои ҷойдошта дар маъмурикунонии андоз мебошад. Чунин тарзи ислоҳоти низоми андоз аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои ваколатдор пайваста дастгирӣ карда мешавад. Дар ин самт аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ваколатдор нишондиҳандаҳои нақшаи воридоти андоз ба буҷет ва иҷрои қисми даромади он дар асоси талаботи Кодекси андози кишвар, ки дар соли 2013 дар таҳрири нав қабул гардида, ба он чанд маротиба бо назардошти беҳтаргардонии маъмурикунонoии андоз тайғиру иловаҳо ворид гардидаанд, таҳия ва амалӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, як қатор муаллифон [9] дар тадқиқоташон эътироф мекунанд, ки ҳатто бо Кодекси андози то оғози соли 2013 эътибор дошта низ имконияти баланд бардоштани ҷамъоварии андозҳо бо истифодаи иқтидори маъмурикунонии андоз мавҷуд буд. Хосатан иқтисоддони тоҷик Улуғхоҷаева Х.Р. дар тадқиқоташ муайян намудааст, ки методологияи муайяни тавсеаи сатҳи ҷамъоварии андоз аз ҳисоби васеъ кардани манбаъҳои мавҷудаи андоз мавҷуд аст, ки ба боз ҳам самараноктар сохтани маъмурикунонии андоз мусоидат менамояд [9]. Аммо, мо дар ин раванд ба он ақидаем, ки албатта ҷамъоварии андоз ин натиҷаи фаъолияти кормандони мақомоти давлатӣ ва низоми андози такомулёфта мебошад, ки бо баробари ба миён омадани зарурати объективӣ такмил мепазирад. Ба амал ҷорӣ намудани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, ки аз соли 2013 амал менамояд (бо назардошти тағйиру иловаҳо), бояд баланд бардоштани самаранокии маъмурикунонии андозро таъмин намояд. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо моро зарур аст, ки дар асоси нишондиҳандаҳои ҷамъоварии андоз дар ҳудуди вилояти Суғд таҳлили зарурӣ анҷом диҳем.

***II. Арзёбии вазъи муосири масъалаи таҳқиқшаванда***. Бо вуҷуди рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёти вилояти Суғд ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ идома ёфтани таъсири манфии бӯҳрони иқтисодӣ ва пурра фаъолият накардани корхонҳои калони саноатӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар баъзе аз корхонаҳо, мувофиқи нақшаи амал таъсис наёфтани коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ, пастравии қобилияти харидории аҳолӣ, кам шудани ҳаҷми даромади умумии корхонаҳо ва бо зарар ҷамъбаст шудани фаъолияти молиявии субъектони иқтисодӣ, сабабгори коҳиш ёфтани ҳаҷми маблағҳои ҳисобшудаву пардохтшудаи андозҳо ва таъмини сифатноки қисми даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ дар солҳои охир гардидаанд. Мақомоти андози вилояти Суғд ҷиҳати иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш намуд, ки дар ҷамъбасти соли 2019 нақшаи қисми даромади буҷети давлатиро дар сатҳи имконпазир таъмин созад. Дар доираи мақолаи ҳозир кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки тамоюли ҷамъоварии нишондиҳандаҳои асосии андоз дар вилояти Суғд ва иқтидори онро мавриди омӯзиш қарор диҳем (ниг. ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1.****Баҳодиҳии нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иқтидори буҷетию андозии буҷети вилояти Суғд*

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | **Тағйирёбӣ дар соли 2019 нисбат ба 2015** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **мутл.** | **%** |
| МММ, млн. сомонӣ (бо нархҳои ҷорӣ) | 12036,9 | 14654,8 | 17510,7 | 18343,8 | 20537,1 | 8500,2 | 70,6 |
| МММ ба ҳар сари аҳолӣ | 4793,6 | 5722,7 | 6712,9 | 6903,9 | 7591,1 | 2797,5 | 58,3 |
| МММ ба ҳар сари аҳолӣ (бо доллари ИМА) | 685,7 | 726,6 | 761,2 | 732,1 | 797,3 | 111,6 | 16,3 |
| Даромади пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ | 11402,4 | 12806,4 | 15669,6 | 15819,6 | 17629,3 | 6226,9 | 54,6 |
| Хароҷоти пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ | 10522,8 | 12187,4 | 14171,0 | 14292,3 | 15950,9 | 5428,1 | 51,6 |
| Даромади воқеии буҷети вилоят, млн. сомонӣ | 1239,9 | 1366,1 | 1607,8 | 1722,4 | 1924,6 | 684,7 | 55,9 |
| Хароҷоти воқеии буҷети вилоят, млн. сомонӣ | 1181,7 | 1349,5 | 1569,8 | 1678,9 | 1889,2 | 707,5 | 59,9 |
| Даромади андоз, млн. сомонӣ | 1157,1 | 1164,8 | 1388,9 | 1684,9 | 1877,1 | 720 | 62,2 |
| Воридоти ғайриандозӣ, млн. сомонӣ | 73,8 | 201,3 | 218,9 | 37,5 | 47,5 | -26,3 | -35,6 |
| Ҳиссаи даромади андоз дар МММ, % | 9,6 | 7,9 | 7,9 | 9,2 | 9,1 | -0,5 | -5,2 |
| Ҳиссаи даромади андоз дар буҷаи минтақа, % | 93,3 | 85,2 | 86,4 | 97,8 | 97,5 | 4,2 | 4,5 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи вилояти Суғд: Тоҷикистон 25-соли истиқлолияти давлатӣ*

*Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2016. - С.10, 616-617; Омори солонаи вилояти Суғд: Тоҷикистон / Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2017. - С.339-340; Омори солонаи вилояти Суғд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2018. - С.335-336; Омори солонаи вилояти Суғд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2019. - С.332-323; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. С. 8, 10.12, 123, 174, 190, 193, 195, 384, 440-467, 484-513. Омори солонаи вилояти Суғд: Саридораи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2019. С. 10, 12, 13, 73, 99, 108, 113, 209, 235-244, 252; Омори солонаи вилояти Суғд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020. - С.325-326.*

Таҳлили иқтидори буҷетии минтақа нишон медиҳад, ки дар динамикаи ҳаҷми захираҳои молиявӣ баъзе тағйироти чашмрас мавҷуданд. Дар солҳои 2015-2019 ҳаҷми даромади воқеии буҷети вилоят аз 1239,9 млн. сомонӣ ба 1924,6 млн. сомонӣ расидааст, ё 55,9 фоиз зиёд гардидааст. Ба ҳамин монанд, мо метавонем хароҷоти буҷети маҳаллиро дар солҳои 2015-2019 муқоиса намоем. Тавре маълумоти ҷадвали 1 собит менамояд, ҳаҷми хароҷоти буҷети минтақавӣ аз 1181,7 млн. сомонӣ ба 1889,2 млн. сомонӣ расида, 59,9 фоиз зиёд шудааст, ки назар ба қисми даромад афзоиши бештар дорад.

Нишондиҳандаҳои таҳлилӣ дарак медиҳанд, ки маҷмӯи маҳсулоти минтақавии (МММ) вилояти Суғд дар соли 2019 ба 20537,1 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2015 – 70,6 фоиз зиёд мебошад. Бояд қайд кард, дар асоси нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии минтақа набояд хулоса баровард, зеро тамоюли нишондиҳандаҳои баррасишаванда рушди воқеиро инъикос намекунад. Гарчанде дар минтақа тамоюли мусбати афзоиши музди меҳнат, даромади пулӣ ва МММ ба ҳар сари аҳолӣ мавҷуд бошад ҳам, ифодаи он бо ҳисоби асъори ИМА вазъи баръакс дорад, зеро суръати афзоиш бо ҳисоби доллар баракс коҳиш меёбад.

Барои муқоисаи суръати афзоиши ду нишондиҳандаи ба ҳам алоқаманд динамикаи МММ, пардохтҳои воқеии андоз ба буҷет ва ҳиссаи андозҳо дар МММ, инчунин баҳодиҳии сарбории андоз, маълумотро аз ҷадвал ба диаграммаи дахлдор гузаронида нишон медиҳем (ниг. диаграммаи 1).

***Диаграммаи 1.****Суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақа ва андозҳодар буҷети вилоят дар давраи солҳои 2015-2019*




Ҳамин тариқ, ба осонӣ дидан мумкин аст, ки МММ дар ин давра, яъне дар тӯли солҳои 2015 то 2019 тамоюли болоравии тағйирёбандаро нигоҳ доштааст. Мутаносибан пардохтҳои

воқеии андоз ба буҷети вилояти Суғд низ чунин тамоюлро такрор кардаанд. Лозим ба таъкид аст, ки тамоюли афзоиш чандон устувор намебошад, зеро агар суръати афзоиши МММ дар соли 2015 – 4,4 фоиз бошад, соли 2016 ин нишондиҳанда ба 21,7 фоиз расида, соли 2018 боз ба 4,7 фоиз баробар гардида, соли 2019 афзоиши МММ – 11,9 фоизро ташкил кард. Суръати афзоиши воридоти андозии буҷети вилояти Суғд низ ноустувор мебошад.

Динамикаи ҳиссаи воридоти андозии буҷети вилоят дар МММ, яъне сарбории андоз аз 9,6 то 9,1 фоизро ташкил медиҳад. Аммо ба назари мо ин рақам сарбории воқеии андозро дар минтақа ифода наменамояд. Гап дар сари он аст, ки андози ба буҷети давлатӣ аз ҳудуди минтақа воридшуда дар қисми даромади буҷети маҳаллӣ пурра ба назар гирифта намешавад. Бинобар ин аз нишондиҳандаҳои иҷрои нақшаи воридоти андозии Раёсати андоз дар вилояти Суғд истифода намуда, сарбории воқеии андозро дар иқтисодиёти минтақа муайян менамоем (ниг. ба ҷадвали 2).

***Ҷадвали 2.*** *Ҳиссаи андозҳои ҷамъоваришуда дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар маҷмӯи маҳсулоти минтақа*

| **Нишондиҳандаҳо** | **Сол** | | | | | **Тағйирёбӣ дар соли 2019 нисбат ба 2015** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **мутл.** | **%** |
| МММ, млн. сомонӣ (бо нархҳои ҷорӣ) | 12036,9 | 14654,8 | 17510,7 | 18343,8 | 20537,1 | 8500,2 | 70,6 |
| Иҷрои нақшаи воридоти андоз дар ҳудуди вилояти Суғд, млн. сомонӣ | 1705,1 | 1914,5 | 2291,9 | 2589,2 | 2913,4 | 1208,3 | 70,9 |
| Ҳиссаи воридоти андоз дар МММ, % | 14,2 | 13,01 | 13,1 | 14,1 | 14,2 | 0,0 | 0,0 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи вилояти Суғд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020. - С.11-16, 325-326. Ҳисоботи Раёсати андоз дар вилояти Суғд барои давраи солҳои 2014-2019.*

Тавре аз ҷадвали 2 дида мешавад ҳиссаи андозҳои ҷамъоваринамудаи мақомоти андози минтақа дар ҳудуди вилояти Суғд дар МММ нисбат ба воридоти андозии буҷети вилоят зиёд мебошад. Ҳиссаи воридоти андозии ҷамъоваришуда дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар МММ дар давраи солҳои 2015-2019 дар ҳудуди 14,2 фоиз мебошад, ки назар ба ҳиссаи воридоти андозии буҷети вилоят 4,6 фоиз зиёд аст. Дар ин асос хулосаи пешакӣ баровардан мумкин аст, ки ҳиссаи андоз дар МММ он қадар калон нест ва ба андозаи бӯҳронии худ нарасидааст. Дар доираи таҳқиқ, мо бояд баъзе хусусиятҳои хоҷагии халқро ба назар мегирифтем, то ки дар бораи вазъи корҳои марбут ба андозбандӣ ақидаи дурусттар дошта бошем ва дар мавриди сифати ҷамъоварии андоз дар маҷмӯъ изҳори ақида намоем. Аз ин лиҳоз мо дар ҷадвали 3 вазъи фаъолияти шахсони ҳуқуқиро дар минтақаи Суғд аз нигоҳи шумораи андозсупорандагон арзёбӣ мекунем.

***Ҷадвали 3.*** *Вазъи фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ дар вилояти Суғд*

| Нишондиҳандаҳо | Сол | | | | | | | 2019 нисбати 2013, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Ҳамагӣ шахсони ҳуқуқӣ дар ҶТ | 39824 | 42206 | 42358 | 42347 | 42031 | 43252 | 46465 | 117,0 |
| Шахсони ҳуқуқии фаъолияткунанда дар ҶТ | 31353 | 39141 | 39401 | 38299 | 25923 | 28523 | 27069 | 86 |
| Ҳамагӣ шахсони ҳуқуқӣ дар в. Суғд | 9926 | 10611 | 10328 | 10325 | 10716 | 11025 | 11906 | 120 |
| бо % аз шумораи умумӣ | 24,9 | 25,1 | 24,4 | 24,4 | 25,5 | 25,5 | 25,6 | 0,7 |
| Шахсони ҳуқуқии фаъолияткунанда дар в. Суғд | 8420 | 10107 | 10014 | 9178 | 8162 | 8308 | 8280 | 98,3 |
| бо % аз фаъолияткунандагон дар в. Суғд | 28,8 | 25,8 | 25,4 | 24,0 | 31,5 | 29,1 | 30,6 | 1,8 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ТоРус, 2019. – С. 206-213. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ТоРус, ТоРус, 2020. – С.218.*

Тавре додаҳои ҷадвали 3 собит менамоянд, чоряки шахсони ҳуқуқии бақайдгирифташуда дар ҳудуди в. Суғд фаъолият мекунанд ва афзоиши чандон зиёд надоранд. Вале ҳиссаи субъектони фаъолияткунанда дар минтақа тамоюли афзоиш дошта, соли 2019 – 30,6 фоизи шахсони ҳуқуқии фаъолиятдоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил кардааст, ки назар ба дигар минтақаҳои кишвар бештар мебошад. Бо ибораи дигар иқтидори андозсупории субъектони фаъолияткунанда дар в. Суғд назар ба дигар минтақаҳои кишвар бештар мебошад. Яке аз омилҳое, ки боиси ташвиши махсус дар сохтори даромади буҷети минтақавӣ мегардад, афзоиши доимии ҳиссаи даромади андоз мебошад. Ба ибораи дигар, вобастагии пурраи буҷети вилоят аз воридоти андоз вуҷуд дорад. Агар ба додаҳои ҷадвали 1 назар намоем, дар соли 2015 даромади буҷети вилоят 93,3 фоиз аз воридоти андоз таъмин шуда, солҳои 2016 - 2017 ин нишондиҳанда каме коҳиш ёфтааст. Вале солҳои минбаъда афзоиш ёфта, соли 2019 ҳиссаи воридоти андоз ба 97,5 фоиз расидааст. Ин рақам шаҳодат медиҳад, ки буҷети вилояти Суғд тақрибан пурра аз воридоти андоз вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз аҳамияти маъмурикунонии андоз дар доираи ҷамъоварии андоз дар вилоят самти муҳимми сиёсати фискалии давлат ва минтақа мегардад. Аммо тамоюли ҷойдошта шаҳодат медиҳад, ки дар минтақа солҳои охир барои кам кардани вобастагии буҷети вилоят аз воридоти андозӣ чораҳои муассир андешида нашудаанд.

Барои арзёбии вазъи иҷрои воридоти андоз аз рӯи намудҳои андоз дар вилояти Суғд аз нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва воқеии ҷамъоварии андоз истифода мекунем (ниг. ба ҷадвали 4).

***Ҷадвали 4.*** *Динамикаи иҷрои воридоти андоз аз рӯи намудҳои андоз дар вилояти Суғд дар солҳои 2015-2019 (ҳазор сомонӣ)*

| НАМУДИ АНДОЗ | Сол | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** |
| Андози даромад аз шахсони воқеӣ: -нақша; | 320000,0 | 366400,0 | 388000,0 | 410000,0 | 477000,0 |
| - иҷро; | 333431,9 | 340257,8 | 358920,0 | 400334,6 | 460464,8 |
| % - иҷро | 104,2 | 92,9 | 92,5 | 97,6 | 96,5 |
| Андози фоида аз шахсони ҳуқуқӣ:- нақша; | 261814,0 | 270397,0 | 344224,0 | 440749,2 | 588251,0 |
| - иҷро; | 263376,3 | 296818,3 | 405890,6 | 479735,4 | 596908,6 |
| % - иҷро | 100,6 | 109,8 | 117,9 | 108,8 | 101,5 |
| Андоз аз арзиши иловашуда: -нақша; | 216290,9 | 206532,2 | 261085,0 | 287000,0 | 328300,0 |
| -иҷро; | 183293,5 | 210649,4 | 262532,9 | 299376,7 | 328849,4 |
| % - иҷро | 84,7 | 102,0 | 100,6 | 104,3 | 100,2 |
| Аксизҳо: - нақша; | 16805,2 | 16263,0 | 21270,0 | 22973,0 | 29205,0 |
| -иҷро; | 17208,0 | 17159,7 | 22042,4 | 25186,1 | 42779,1 |
| % - иҷро | 102,4 | 105,5 | 103,6 | 109,6 | 146,5 |
| Андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ: - нақша; | 393997,5 | 404100,0 | 416000,0 | 456000,0 | 509006,6 |
| - иҷро; | 376206,6 | 406114,5 | 437743,6 | 474020,1 | 493638,5 |
| % - иҷро | 95,5 | 100,5 | 105,2 | 104,0 | 97,0 |
| Андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ: - нақша; | 121120,0 | 186662,0 | 254621,4 | 333749,7 | 391584,0 |
| - иҷро; | 148463,5 | 216236,4 | 307541,5 | 359670,5 | 392031,6 |
| % - иҷро | 122,6 | 115,8 | 120,8 | 107,8 | 100,1 |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобил-гард: - нақша; | 55000,0 | 89000,0 | 82000,0 | 101583,0 | 121950,0 |
| - иҷро; | 72985,3 | 80857,2 | 94558,2 | 104682,1 | 110409,2 |
| % - иҷро | 132,7 | 90,9 | 115,3 | 103,1 | 90,5 |
| Низоми содакарда барои субъектони сохибкории хурд, хамагӣ: - нақша; | 149101,6 | 178896,0 | 184506,0 | 203011,0 | 217337,1 |
| - иҷро; | 152631,1 | 175726,7 | 189820,3 | 210232,7 | 222281,3 |
| % - иҷро | 102,4 | 98,2 | 102,9 | 103,6 | 102,3 |
| Андоз аз сохибони воситаҳои наклиёт: - нақша; | 40967,0 | 46940,0 | 57508,0 | 65187,0 | 72043,0 |
| - иҷро; | 41309,0 | 47186,8 | 64752,4 | 67353,8 | 75418,7 |
| % - иҷро | 100,8 | 100,5 | 112,6 | 103,3 | 104,7 |
| Ҷамъи андоз: - нақша; | 1284883,0 | 1475880,2 | 1724511,4 | 2026379,8 | 2404300,0 |
| - иҷро; | 1329224,3 | 1508345,6 | 1854120,7 | 2115226,5 | 2420284,6 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| % - иҷро | 103,5 | 102,2 | 107,5 | 104,4 | 100,7 |
| **ҲАМАГӢ** (бо назардошти андози иҷтимоӣ: - нақша; | 1678880,5 | 1879980,2 | 2140511,4 | 2482379,8 | 2913306,6 |
| - иҷро; | 1705430,9 | 1914460,1 | 2291864,3 | 2589246,6 | 2913923,1 |
| % - иҷро | 101,6 | 101,8 | 107,1 | 104,3 | 100,0 |

***Сарчашма:*** *Ҳисоботи Раёсати андоз дар вилояти Суғд дар солҳои 2014-2019.*

Тавре аз додаҳои ҷадвали 4 бармеояд, андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар қисми даромади буҷети вилояти Суғд ҳиссаи назаррас дошта, он танҳо соли 2015 – 104,2 фоиз иҷро шудааст, вале солҳои минбаъда 2016-2019 нишондиҳандаҳои нақшавӣ иҷро нашудаанд. Ҷамъоварии воқеии андоз аз фоида аз нишондиҳандаҳои нақшавӣ бештар иҷро гардидааст. Нишондоди ҳадди аксари иҷрои ин намуди андоз дар соли 2017 – 117,9 фоиз таъмин гардидааст.

Дар қисми даромади буҷети вилояти Суғд ААИ низ ҳиссаи назаррас дошта, ин андози буҷетсоз соли 2015 – 84,7 фоиз ва соли 2019 – 100,2 фоиз иҷро шудааст. Яке аз намудҳои андоз, ки дар оянда иқтидори даромади буҷети вилояти Суғдро афзоиш дода метавонад, андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ мебошад, ки дар давраи таҳлилӣ бештар аз 100 фоиз иҷро гардидааст.

Таҳлили додаҳои ҷадвали 4 собит месозад, ки соли 2019 баъди мавриди амал қарор гирифтани Кодекси андози мамлакат бо тайғироту иловаҳо воридоти андоз ба буҷети давлатӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаи соли 2018 11,2 % зиёд шудааст.

Агар мо дар ҷамъбасти соли 2019 фаъолияти мақомоти андози вилояти Суғдро ҷиҳати таъмини нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» дар асоси додаҳои ҷадвали 3 арзёбӣ намоем маълум мегардад, ки нақшаи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар ин давра 100,2 фоиз таъмин гардида, ба буҷети давлатӣ (ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) 2 млрд. 913,9 млн. сомонӣ воридот шудааст. Вазни қиёсии воридоти нақшавӣ ва иҷрои воқеии андозҳои алоҳида дар ҳаҷми умумии воридоти андозӣ дар диаграммаи 2 ва 3 нишон дода шудааст.

***Диаграммаи 2.*** *Вазни қиёсии маблағи андозҳои алоҳидаи ҷамъоваришуда нисбат ба воридоти умумии андозҳо дар вилояти Суғд (дар соли 2019)*



***Диаграммаи 3.*** *Вазни қиёсии маблағи андозҳои алоҳидаи банақшагирифташуда нисбат ба нақшаи умумии андозҳо дар вилояти Суғд (дар соли 2019)*




Умуман, арзёбии воридоти андоз дар ҳудуди вилояти Суғд нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва иҷрои онҳо фарқи назаррас дошта, иҷрои аксари намуди андоз назар ба маблағи банақшагирифта бештар мебошад. Ин аз як ҷониб, аз сатҳи баланди маъмурикунонии андоз шаҳодат диҳад, аз ҷониби дигар, нишони норасоии низоми банақшагирии андоз дар сатҳи минтақа мебошад. Дар асоси таҳлил метавон қайд намуд, ки дар оянда имконияти такмили банақшагирии андоз ва афзоиши қисми даромади андоз дар вилояти Суғд аз ҳисоби андозҳои муайян мавҷуд мебошад.

Дар таъмини воридоти андоз дар минтақа мақомоти андоз ҳиссаи назаррас дошта, самаранокии фаъолияти кори кормандони соҳа, инчунин дурустии татбиқи механизми андоз аз сатҳи иҷрои воридоти онҳо вобастааст. Дар ҷадвали 5 таҳлили муқоисавии иҷрои нақшаи воридоти андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд пешниҳод мегардад.

***Ҷадвали 5.*** *Вазъи иҷрои нақшаи воридоти андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар давраи солҳои 2015-2019*

| **Шаҳру ноҳияҳои минтақа** | **Солҳо** | | | | | **2019 нисбати 2015** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | |
| **Исфара** | 89,1 | 87,5 | 91,8 | 100,5 | 95,4 | 6,3 |
| **Гулистон** | 103,3 | 102,3 | 114,6 | 101,1 | 100,2 | -3,1 |
| **Конибодом** | 95,4 | 90,9 | 95,9 | 104,8 | 102,9 | 7,5 |
| **Хуҷанд** | 103,1 | 100,0 | 101,5 | 101,6 | 94,0 | -9,1 |
| **Панҷакент** | 97,9 | 107,3 | 116,4 | 105,5 | 104,9 | 7,0 |
| **Истаравшан** | 100,2 | 96,7 | 105,1 | 100,7 | 102,6 | 2,4 |
| **Бӯстон** | 103,1 | 103,0 | 135,9 | 113,4 | 101,1 | -2,0 |
| **Истиқлол** | 113,8 | 116,4 | 147,6 | 104,8 | 100,7 | -13,1 |
| **Айнӣ** | 117,6 | 142,1 | 112,4 | 116,3 | 107,3 | -10,3 |
| **Ашт** | 100,3 | 101,9 | 101,2 | 101,3 | 101,4 | 1,1 |
| **Деваштич** | 100,2 | 96,1 | 101,4 | 101,6 | 100,2 | 0,0 |
| **Зафаробод** | 97,1 | 94,0 | 110,2 | 103,4 | 102,1 | 5,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Мастчоҳ** | 110,2 | 103,2 | 109,9 | 101,1 | 100,4 | -9,8 |
| **Спитамен** | 99,1 | 97,7 | 101,7 | 102,7 | 97,8 | -1,3 |
| **Ҷ.Расулов** | 88,3 | 100,2 | 101,8 | 103,4 | 101,8 | 13,5 |
| **Б.Ғафуров** | 103,0 | 101,3 | 103,2 | 101,9 | 101,4 | -2,4 |
| **Шаҳристон** | 113,8 | 108,6 | 105,8 | 113,8 | 107,1 | -6,7 |
| **Кӯҳистони Мастчоҳ** | 103,0 | 104,1 | 105,5 | 106,6 | 106,4 | 3,4 |
| **Идораи молия** | 142,5 | 120,1 | 113,9 | 272,0 | 100,6 | -39,9 |
| **Буҷети вилоятӣ** | 105,4 | 105,7 | 111,8 | 107,6 | 97,3 | -8,1 |
| **ҲАМАГӢ** | **101,3** | **101,8** | **107,1** | **104,3** | **100,0** | **1,3** |

***Сарчашма:*** *Ҳисоботи Раёсати андоз дар вилояти Суғд дар солҳои 2014-2019.*

Тибқи додаҳои ҷадвали 5, аз 18 шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд соли 2019 шаҳри Хуҷанд (94,0%), шаҳри Исфара (95,4%) ва ноҳияи Спитамен (97,8%) аз уҳдаи иҷрои нақшаи воридоти андоз, яъне нишондиҳандаҳои нақшавии буҷети давлатӣ набаромаданд. Қисми даромади буҷети вилояти Суғд низ ба андозаи 2,7 фоиз иҷро нагаштааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки як қатор шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҷумла: Айнӣ, Истиқлол, Б.Ғафуров, Бӯстон, Гулистон дар маъмурикунонии андоз пешсаф мебошанд. Ин шаҳру ноҳияҳо нақшаи воридоти андозро дар давраи таҳлилӣ бештар аз нишондиҳандаи нақша иҷро намуданд.

Соли 2019 шаҳру ноҳияҳои вилоят иҷрои нишондиҳандаҳои асосии андозҳои пешбининамударо таъмин карда натавонистаанд, ки он ба сифати иҷрои нақша дар вилоят таъсири манфӣ расонид: дар ин давра нақшаи андози даромад 96,5%, андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 97,0% ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 90,5% иҷро шудааст. Тамоюли банақшагирӣ ва иҷрои ин андозҳо дар ҳудуди вилоят (мутобиқи ҳисоботи Раёсати андоз дар вилояти Суғд) дар диаграммаи 4 ва 5 дар даҳ соли охир оварда шудааст.

***Диаграммаи 4.*** *Динамикаи банақшагирии андоз аз даромад, андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дар в. Суғд (млн. сомонӣ)*



***Диаграммаи 5.*** *Динамикаи воридоти андоз аз даромад, андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дар в. Суғд (млн. сомонӣ)*




Тавре додаҳои диаграммаҳои 4 ва 5 собит менамоянд, соли 2019 аз ҷониби як қатор нозироти андози шаҳру ноҳияҳои вилоят барои иҷрои сифатноки қисми даромади буҷети давлатӣ, хосатан андоз аз даромад, андози иҷтимоӣ ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард чораҳои зарурӣ андешида нашудааст. Ин далели он мебошад, ки маъмурикунонии ин андозҳо дар сатҳи ғйриқаноатбахш қарор дорад. Дар ин давра ш.Исфара (95,3%), ш.Гулистон (83,2%), ш.Хуҷанд (91,6%), ш.Бӯстон (86,7%), ш.Истиқлол (93,2%), н.Мастчоҳ (93,7%) ва н.Бобоҷон Ғафуров (94,7%) нақшаи андозии иҷтимоиро аз ҳисоби корхонаҳо таъмин накарданд.

Тибқи иттилои Раёсати андози вилояти Суғд муаммо дар ҷамъоварии чанд намуди дигари андоз низ мавҷуд аст. Соли 2019 мақомоти минтақавии андози ш.Хуҷанд ва ш.Бӯстон иҷрои 5 намуд, ш.Гулистон ва ш.Истаравшан 4 намуд, ш.Исфара, н.Айнӣ, н.Спитамен ва н.Бобоҷон Ғафуров 3 намуд, ш.Конибодом, ш.Панҷакент, ш.Истиқлол, н.Зафаробод, н.Мастчоҳ, н.Ҷаббор Расулов ва н.Кӯҳистони Мастчоҳ 2 намуд, н.Ашт, н.Деваштич ва н.Шаҳристон 1 намуд ва аз рӯи ҳиссаҷудокунӣ ба буҷети вилоятӣ 2 намуди андозро таъмин накарданд.

Сабабҳои асосии дар минтақаҳои номбаршуда таъмин нагардидани иҷрои нақшаи пешбинишудаи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, пеш аз ҳама, ба дараҷаи кофӣ рушд наёфтани иқтисодиёт дар ин минтақаҳо ва дуруст фаъолият накардани корхонаҳои истеҳсолӣ, ҳамчунин, нодуруст банақшагирии нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ ва пурра ба инобат нагирифтани омилҳои гуногуни таъсиррасон ба манбаи андозҳо мебошад. Дар ин самт, ба назари мо, дар мақомоти ҳудудии андози вилояти Суғд механизми ҷамъоварии андозҳо дар доираи маъмурикунонии андоз ва нишондиҳандаҳои сифатии фаъолияти нозироти минтақавии андоз такмили ҷиддиро тақозо мекунад.

***III. Натиҷаи таҳқиқ ва тавсияҳо***. Ба нишондиҳандаҳои сифатӣ, дар навбати аввал, сохтори андозсупорандагон дар самти таносуби шахсони ҳуқуқию воқеӣ таъсир мерасонад. Дигар омилҳои муҳим ба назар гирифтани сарборӣ ба як нозири минтақавӣ, сатҳи иҷрои нишондиҳандаҳои нақшавӣ, сатҳи афзоиши пардохтҳои андозӣ дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, таносуби маблағҳои воқеан пардохтшудаи

андоз нисбат ба маблағи ҳисобшуда, таносуби маблағи пардохтҳои барилова ҳисобшуда нисбат ба воридоти андоз ба буҷет дар давраи ҳисоботӣ, сатҳи рӯёнидани маблағҳои барилова ҳисобшуда, вазни қиёсии санҷишҳои андозӣ, ки дар рафти онҳо вайронкунии қонунгузории андоз ошкор шудааст нисбат ба шумораи умумии санҷиш, таносуби маблағи пардохтҳои воридшуда ба буҷет дар натиҷаи корҳои назоратӣ нисбат ба хароҷоти корҳои назоратӣ, маблағҳои барилова ҳисобшуда ба ҳисоби як санҷиш ва ғайра маҳсуб меёбанд. Ба таври пилотӣ ва минбаъд дар саросари нозироти андози минтақа ҷорӣ намудани арзёбии сифати фаъолияти онҳо тавсия карда мешавад.

Як қатор нишондиҳандаҳои алоҳидаи муносибатҳои миёни андозсупорандагон ва мақомоти андозро низ дар арзёбии сифати фаъолияти мақомоти андози минтақа ба назар гирифтан зарур аст. Аз ҷумла: ҳолати интизоми андозӣ, вазни қиёсии андозсупорандагони ҳисобот пешниҳодкунанда, шумораи умумии андозсупорандагони дар қайди мақомоти минтақавии андоз буда, миқдори баҳсҳои андозии дар суди иқтисодӣ ба манфиати мақомоти андоз баррасишуда, вазъи корҳои фаҳмондадиҳӣ, миқдори муроҷиатҳо доир ба масъалаҳои андозбандӣ ва ғайра.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқ дар мақолаи мазкур оид ба арзёбии вазъи ҷамъоварии андоз ва самаранокии фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар вилояти Суғд чунин хулосаҳо баровардан ба матлаб мувофиқ мебошад:

1. Дар раванди таҳлили нишондиҳандаҳои мавҷудаи арзёбии самаранокии фаъолияти минтақа мо ба хулоса омадем, ки нишондиҳандаҳо дар умум имкон медиҳанд фаъолияти мақомоти андоз мусбат баҳогузорӣ гардад. Аммо, таҳлили анҷомдодаи мо нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои боз ҳам хубтарро дар ин давра бо такмили самаранокии фаъолияти мақомоти андоз дар самти маъмурикунонии андоз ноил шудан имконпазир буд.

2. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят шумораи андозсупорандагоне, ки дар мақомоти минтақавии андоз қарор доранд ва хизматрасонии мақомот дар раванди ҷамъоварии андоз аз ҷониби нозирони андоз пешниҳод мегардад, аз нигоҳи вобаста намудани андозсупорандагон ба нозирҳо оқилона ба назар намерасад. Дар чунин ҳолат ҳангоми арзёбии самаранокии фаъолияти нозироти андоз дар шаҳру ноҳияҳо вазнинӣ ва сарбории кори мақомоти андоз дақиқ ба ҳисоб гирифта намешавад, ки ин зуҳурот ба сифати ҷамъоварии воридоти андоз таъсири манфӣ мерасонад.

3. Дар рафти таҳлил афзоиши ҳиссаи воридоти воқеии андоз нисбати нақшаи он дар аксари шаҳру ноҳияҳо бештар мушоҳида мегардад, ки онро дар фаъолияти мақомоти минтақавии андоз ба таври мусбат баҳогузорӣ кардан мумкин аст. Албатта чунин ҳолат аз самаранокии кори мақомоти андоз оид ба ҷамъоварии андоз дарак медиҳад. Аммо, чораҳои маъмурикунонии андоз дар як қатор мақомоти маҳаллии андоз (ш. Хуҷанд, ш. Исфара ва н. Спитамен) беҳбудиро талаб менамояд.

4. Ошкор карда шуд, ки буҷети вилоят пурра аз воридоти андоз вобаста мебошад ва нишондиҳандаҳои мавҷудаи арзёбии самаранокии фаъолияти мақомоти андози минтақа мутобиқи усулҳои муосир амалӣ намегардад. Аз ин лиҳоз бо мақсади баланд бардоштани сифати ҷамъоварии андоз дар минтақа истифодаи нишондиҳандаҳои сифатии арзёбии фаъолияти нозироти андоз зарур мегардад.

5. Маълум гардид, ки дар ҳудуди вилояти Суғд нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва иҷрои воридоти андоз фарқи назаррас дошта, иҷрои аксари андозҳо назар ба маблағи

банақшагирии онҳо бештар мебошад. Ин аз як ҷониб, ба сатҳи баланди маъмурикунонии баъзе андозҳо далолат намояд, аз ҷониби дигар, аз норасоии низоми банақшагирии андоз дар сатҳи минтақа шаҳодат медиҳад. Дар асоси таҳлил метавон қайд намуд, ки дар оянда имконияти такмили механизми банақшагирии андоз бо назардошти иқтидори андозҳои муайян ва афзоиши қисми даромади андозҳо дар вилояти Суғд мавҷуд мебошад ва мақомоти ҳудудии андоз ба ин бояд эътибори хоса диҳад.

6. Дар солҳои охир аз ҷониби як қатор нозироти андози шаҳру ноҳияҳои вилоят барои иҷрои сифатноки қисми даромади буҷети давлатӣ, хосатан андоз аз даромад, андози иҷтимоӣ ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард чораҳои зарурӣ андешида нашудаанд. Яъне маъмурикунонии ин андозҳо дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор дорад. Тақозо мегардад, ки доир ба ҷамъоварии андози иҷтимоӣ фаъолияти нозироти андози ш.Исфара, ш.Гулистон, ш.Хуҷанд, ш.Бӯстон, ш.Истиқлол, н.Мастчоҳ ва н.Бобоҷон Ғафуров ҷоннок карда шавад.

7. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар ҷамъоварии андозҳои муайян дар нозироти андози ш.Хуҷанд ва ш.Бӯстон (5 намуд), ш.Гулистон ва ш.Истаравшан (4 намуд), ш.Исфара, н.Айнӣ, н.Спитамен ва н. Б.Ғафуров (3 намуд), ш.Конибодом, ш.Панҷакент, ш.Истиқлол, н.Зафаробод, н.Мастчоҳ, н.Ҷаббор Расулов ва н.Кӯҳистони Мастчоҳ (2 намуд), н.Ашт, н.Деваштич ва н.Шаҳристон (1 намуд) мушкилиҳо ҷой доранд, ки бояд дар ин бобат мақомоти минтақавии андоз ва нозироти андози ин маҳалҳо чораҳои мушаххас андешанд.

Ҳамин тавр, дар заминаи таҳқиқи анҷомдода метавон ба хулоса расид, ки дар фаъолияти мақомоти андози минтақаи Суғд имконияти такомули маъмурикунонии андоз дар самти ҷамъоварӣ ва банақшагирии воридоти андозҳо мавҷуд буда, як қатор нозироти андози минтақаҳо ва хосатан мақомоти ҳудудии андозро, ки дар таҳқиқ арзёбӣ намудем зарур аст дар ин самт чораҳои амалии самарабахш андешанд.

***Пайнавишт:***

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/25005 (санаи истифодабарӣ: 01.02.2021 г.).*
2. *Джабборов Р.Т. Инвестиционные налоговые льготы: краткий обзор // Налоговый вестник (специальный выпуск). Издание Налогового комитета при Правительстве Республики Таджикистан (август 2018 г.) – С.38.*
3. *Жукова Н. А. Сбор налогов как инструмент управления региональной экономикой: автореф. дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / Н. А. Жукова – М., 2002. -22 с.*
4. *Ҳисоботҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд барои давраи солҳои 2014-2019.*
5. *Омори солонаи вилояти Суғд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020. - С. 326.*
6. *Омори солонаи вилояти Суғд: Тоҷикистон 25-соли истиқлолияти давлатӣ Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2016. – С. 617*
7. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ТоРус, ТоРус, 2020. – С.218.*

8. *Солехзода А.М. Особенности и перспективы участия Республики Таджикистан в Плане BEPS / А.М. Солехзода // Налоговая политика и практика. – М.: Изд-во экономико-правовой литературы, 2018. – №7 (187). – С. 78-80. ISSN: 2071-525.*
9. *Улугходжаева Х.Р., Основные тенденции формирования налоговой политики Таджикистана в переходный период: теория и практика / дисс...д-ра экон. наук. – Худжанд, 2014. – 315 с.*
10. *Шеина А.Ю. Инструментарий оценки влияния организационных инноваций на результаты деятельности налоговых органов: дисс ... канд. экон. наук: 08.00.05 / А.Ю. Шеина. - Уфа, 2015. - 166 с.*
11. *Шогунбеков М. В. Совершенствование механизма налогово-бюджетной поддержки развития региона (на материалах Согдийской области РТ): дисс...канд. экон. наук: 08.00.05 / М.В. Шогунбеков. – Худжанд, 2018. - 135 с.*

***Reference Literature:***

1. *The Message of Tajikistan Republic President, Leader of Nation, Reverend Emomali Rahmon to Majlisi Oli of Tajikistan Republic from 01/26/2021 [Electronic resource]. URL: http://www.president.tj/node/25005 (Date of request: 01.02.2021).*
2. *Jabborov R.T. Investitive Tax Privileges: Brief Survey // Tax Bulletin (special issue). Edition of Tax Committee under the Auspices of Tajikistan Republic Government (August 2018) - p. 38.*
3. *Zhukova N.A. Collection of Taxes as an Instrument of Regional Economy Management: Synopsis of candidate dissertation in economics: 08.00.05 / N.A. Zhukova - M., 2002. - 22 pp.*
4. *Accounting Reports of Tax Managerial Office of Sughd Viloyat for 2014-2019.*
5. *Statistical Annual of Sughd Viloyat: Central Managerial Office of the Agency on Statistics under the Auspices of Tajikistan Republic President in Sughd Viloyat, 2020. - p. 326.*
6. *Statistical Annual of Sughd Viloyat: The 25-th Anniversary of State Independence. Central Managerial Office of the Agency on Statistics under the Auspices of Tajikistan Republic President in Sughd Viloyat, 2016. - P. 617.*
7. *Statistical Annual of Tajikistan Republic: Agency on Statistics under the Auspices of Tajikistan Republic President. - Dushanbe: ToRus, 2020. - p. 218.*
8. *Solekhzoda A.M. Peculiarities and Perspective of Tajikistan Republic Participation in BEPS Plan / A.M. Solekhzoda // Tax Policy and Practice. - M.: Publishing-House of the Literature on Law and Economics, 2018. – No 7 (187). - pp. 78-80. ISSN: 2071-525.*
9. *Ulugkhodjayeva Kh.R. Principal Tendencies of Tajikistan Tax Policy Formation in Transitional Period: Theory and Practice / Specialty 08.00.01 - Economic Theory: (general economic theory): Doctoral dissertation in economics. - Khujand, 2014. - 315 pp.*
10. *Sheina A.Yu. Instruments of Assessment of Organizational Innovations Sway over the Results of Tax Bodies Activities: Synopsis of candidate dissertation in economics: 08.00.05 / A.Yu. Sheina. - Ufa, 2015. - 166 pp.*
11. *Shogunbekov M.V. Improvement of Mechanism of Tax-Budget Maintenance Aimed at Region Development (on the materials of Sughd Viloyat of TR): candidate dissertation in economics: 08.00.05 / M.V. Shogunbekov. - Khujand, 2018. - 135 pp.*